# ҚАРОРИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

**аз 11-уми апрели соли 2025** **шаҳри Душанбе**

Суханронии Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; тақризи муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Мирсаидов Саидакмал Аврорович; суханронии муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Асоев Муфаррах Мазоридинович; суханронии муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, доктрони илмҳои иқтисодӣ, профессорон – Қудратов Р.Р., Самандаров И.Ҳ. ва Мирсаидов А.Б.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD), ба Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Шарифов Зариф Раҳмонович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Олимов Аловиддин Хайруллоевич